Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Одиназода Носир Садир дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии гардиши металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08. – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.

Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст. Диссертатсияи Одиназода Носир Садир дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии гардиши металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ), ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №15/шд 62 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

Мубрам будани мавзӯи таҳқиқоти диссертатсия. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсия мубрам буда, он дар самти ҷиноятҳои иқтисодӣ ва проблемаҳои татбиқи он омода гардидааст. Бояд қайд намуд, ки баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, роҳи сохтмони иқтисодиёти бозоргонӣ ва инкишофи муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, махсусан истифодаи самараноки сарватҳои зеризаминиро пеша намуд. Бояд қайд намуд, ки асоси муносибатҳои бозоргониро истифодаи самараноки канданиҳои фоиданок ва сарватҳои зеризаминӣ дар бар мегирад.

Бояд тазаккур дод, ки танзими ҳуқуқии пешгирии ҷиноятии муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба «таҳқиқ ва ҷустуҷӯи геологии конҳои зеризаминӣ», ки бевосита ба муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо (истихроҷ, истеҳсол ва истифодаи онҳо)

алоқаманд мебошанд, вобаста ба аломатҳои таркиби ҷиноятҳои дар м.м. 284 – 285 КҶ ҶТ пешбинишуда, ба мазмуни унсурҳои мафҳумҳои дар Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» аз 12-уми майи соли 2001, №21 аз мубрамияти мавзуъ шаҳодат медиҳад.

Муаллиф таҷрибаи судиву тафтишотиро ба назар гирифта, бо овардани нишондиҳандаҳои омори расмӣ ва манбаъҳои дигар, асоснок будани далелҳои матраҳшуда дар таҳқиқоти худ бори дигар собит намудааст.

Инчунин қайд намудааст, ки бо назардошти хусусияти бланкетӣ доштани ҷиноятҳои зикркарда, омӯзиши ҳамаҷонибаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии батанзимдарорандаи муомилоти қонунӣ ва ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо манфиатпазир мебошад.

Зеро, имрӯз номувофиқатии мазмун ва моҳияти бархе аз меъёрҳои қонунгузории вобаста ба пешгирии муомилоти ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ, ки дар м.м. 284 ва 285 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, сабаби пайдоиши мушкилоти муайян дар қонунгузории ҷиноятӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ гардидааст.

Аз мадди назар дур мондани танзими ҳуқуқии ҷиноятии муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба ҷустуҷӯи геологии конҳои зеризаминӣ, ки бевосита ба муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо (истихроҷ, истеҳсол ва истифодаи онҳо) алоқаманд мебошанд ва ихтилофоти назаррас вобаста ба аломатҳои алоҳидаи таркиби ҷиноятҳои дар м.м. 284 – 285 КҶ ҶТ пешбинишуда, аз мубрамияти мавзуъ шаҳодат медиҳад.

Диссертатсияи Одиназода Н.С. аз феҳристи ихтисорот, муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши илмии таҳқиқот, робитаи кор бо барномаҳои таҳқиқотӣ ва мавзуи илмӣ, мақсад, вазифаҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот, объект ва мавзуи таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб, мутобиқати диссертатсия ба ихтисос, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян карда шуда, ҳамзамон тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, интишорот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия тавсиф гардидааст.

Боби якуми диссертатсия – **«Муқаррароти умумӣ оид ба муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳо ва танзими ҳуқуқии онҳо дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои аъзои ИДМ»** аз се зербоб иборат аст.

Зербоби аввал – **«Танзими ҳуқуқии муомилоти қонунии металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон»** масоили мубрамро вобаста ба асосҳои ҳуқуқии танзими муомилоти ғайриқонунии ин сарватҳо баррасӣ гардидаанд.

Муаллиф сабаби бисёри мушкилоти ҷойдошта, ки аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ муҳим арзёбӣ мегарданд, номувофиқатӣ, дуршавӣ ва холигии танзимоти қонунгузорӣ вобаста ба муҳофизати ҳуқуқии муносибатҳои муайяни иҷтимоӣ маҳсуб меёбанд. Аз ҷумла, сохтани критерияҳои (талаботи) муайян вобаста ба зарурати иҷтимоии ҷиноят ҳисобидан (криминализатсия) ва ҷиноят наҳисобидани (декриминализатсия) баъзе аз ҳуқуқвайронкуниҳо яке аз масъалаҳои муҳими илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад.

Мафҳуми доктриналии «сарватҳо» фарогири натанҳо маҷмуи ҷинсӣ, балки маҷмуи намудии онҳо (ҳам металҳои қиматбаҳо ва ҳам сангҳои қиматбаҳои табиӣ) дар якҷоягӣ ва ё дар алоҳидагӣ мебошад; «металҳои қиматбаҳо» арзишҳое мебошанд, ки ба гурӯҳи «моддаҳои металлии асил» дохил шуда, арзиши баланди бозорӣ доранд. Дар муносибат бо мафҳумҳои «металҳои қиматбаҳо» ва «сангҳои қиматбаҳои табиӣ» бошад, қонунгузор таърифи онҳоро бо усули тартиб додани рӯйхати мукаммали намудҳои металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ татбиқ кардааст ва илова бар ин ҳолатҳои алоҳидаи мавҷудияти онҳоро ишора намудааст.

Вобаста ба ин, муаллиф пешниҳод намудааст, ки бинобар сабаби ворид намудан тамоми аломатҳои таркиби ҷинояти марбут ба муомилоти ғайриқонунии металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо дар доираи моддаи 284 КҶ аз Кодекси ҷиноятӣ моддаи 285 хориҷ карда шавад.

Дар зербоби дуввуми рисола **«Хавфи ҷамъиятии бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қимматбаҳои табиӣ ё марворид: тавсифи миқдорӣ ва сифатии он»** вобаста ба маҳаки ба ҷамъият хавфнокиии ҷинояти дар моддаи 284 КҶ муқараргардида таҳлил мегардад.

Мавриди зикр аст, ки ба ҷамъият хавфнокии таркибҳои ҷиноятҳои баррасишаванда ба предмети хоси онҳо вобаста аст. Предмети ин ҷиноятҳоро сангҳои қиматбаҳо ва металлҳои қиматбаҳо ҳамчун ашёи беназири табиӣ ва арзиши баланддошта ташкил менамояд, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» аз 12 май соли 2001 бо мафҳуми «сарват» ифода карда шудаанд.

Аз нигоҳи муаллиф ба ҷамъият хавфнокии ин ҷиноят дар он зоҳир мегардад, ки он низоми назорати қатъии давлат аз болои муомилот бо сарватҳои асъориро заиф мегардонд. Бастани аҳди ғайриқонунии бо

металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид назоратро барои риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи омӯзиши геологӣ ва разведкаи конҳои металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, истихроҷ, истеҳсол ва муомилоти онҳо заиф мекунад. Дар баробари ин, назорати нокифоя дар ин самт боиси содир шудани ҷинояти моддаи 284 КҶ мегардад.

Қисмати дигари ба ҷамъият хавфнокии ҷиноятии баррасишаванда дар он зоҳир мегардад, ки он дар алоқамандӣ бо дигар ҷиноятҳо, аз ҷумла қочоқ, додан ё гирифтани пора, саркашӣ аз супоридани андоз содир мегардад. Дар баробари ин, нишон надодани хусусият ва намуди ин қоидаҳо дар навбати худ боиси криминализатсияи аз ҳад зиёд мегардад. Бо дар назардошти ин, зарур аст, ки қонунгузор ҳадди ақалл дар шакли умумӣ бояд мушахас кунад, ки бар хилофи кадом қоидаҳо содир намудани чунин аҳдҳо ҷиноят мебошанд.

Зербоби сеюми боби аввал **«Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ дар қонунгузории давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил»** ном дошта, дар он муқаррароти асосии кодексҳои ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ, Кодекси ҷиноятии модели давлатҳои аъзои ИДМ, ки чаҳорчӯбаи умумии таъсири ҳуқуқӣ ба зуҳуроти муосири муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табииро равшан месозанд, мавриди таҳлили комплексӣ қарор дода шудааст.

Тавре таҳлил нишон дод, новобаста аз мубрам будан, танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятии муқовимат ба муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Озарбойҷон, Гурҷистон, Украина ва Молдова пешбинӣ нагардидааст. Фаъолиятҳои ғайриқонуние, ки предметашон металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо мебошанд, дар кодексҳои ҷиноятии ҷумҳуриҳои Россия, Белорус, Қирғизистон, Қазоқистон Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон моддаҳои дахлдор мавҷуд мебошанд, ки онҳо бо мавҷудияти як қатор фарқиятҳо, асосан дар ҷузъиёт, сохтори таркиби кирдорҳои ҷиноятӣ ба моддаҳои 284 – 285 КҶ хеле шабоҳат доранд.

Муаллиф ба хулоса меояд, ки дар моддаи 284 КҶ бояд аломатҳои таркиби ҷиноят вобаста ба муомилот дар соҳаи тадқиқ ва ҷустуҷӯи геологии конҳои марбут ба металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ, истихроҷ, истеҳсол ва истифодаи онҳо ҷойгузин бошанд, зеро айни замон онҳо аз мадди назари қонунгузор дур мондаанд. Инчунин, бо назардошти чунин мавқеъгирӣ муаллиф пешниҳод менамояд, ки моддаи

284 КҶ бояд чунин номгузорӣ карда шавад: «Муомилоти ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо ё сангҳои қиматбаҳои табиӣ».

Боби дуюми диссертатсия **«Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳо ва бандубасти онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном гирифта, аз се зербоб иборат аст.

Зербоби аввали боби дуюм **«Аломатҳои объективии гардиши ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ва марворид»** ном дошта, дар он назари олимони варзидаи соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба объекти ҷиноят, аломатҳои тарафи объективии ҷиноят, предмети ҷиноят мавриди омӯзиш ва баҳодиҳӣ қарор гирифтаанд.

Таҳлили объекти ҷиноят мутобиқи моддаи 284 КҶ имкон дод, ки объекти умумӣ, намудӣ, хелӣ ва бевосита муайян карда шавад. Таваҷҷуҳи бештар дар масъалаҳои баррасишаванда муайян намудани объекти бевоситаи металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ва марворидҳо мебошад, ки ҳам барои бандубасти кирдори ҷиноятӣ ва ҳам барои ҷудокунии таркибҳои ҳамшабеҳ ба ҷуз аҳаммияти назариявӣ, аҳаммияти бузурги амалӣ дорад. Ғайр аз ин, таърифи объекти бевосита барои дақиқтар ифода кардани моҳияти таркибҳои мавриди таҳқиқ қарор гирифта, ба муайян намудани ҳудуди муносибатҳои иҷтимоии ҳифзшаванда кӯмак мекунад.

Ҳамчун объекти бевосита муаллиф муносибатҳои ҷамъиятиеро эътироф мекунад, ки онҳо дар доираи қоидаҳои муқаррар намудаи қонунгузории амалкунанда вобаста ба тартиби додугирифт бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид, нигоҳ доштан, интиқол додан ва ё кашондани онҳо дар ҳар намуду ҳолат, ба танзим дароварда шудаанд.

Дар асоси омӯзиши муфассали санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ин самт муаллиф ба хулоса меояд, ки муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи омӯзиши геологӣ ва иктишофи конҳои металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, истихроҷ, истеҳсол, истифода ва муомилоти онҳо дур мондааст.

Предмети ҷинояти дар моддаи 284 КҶ сангҳои нимқиматбаҳо, ки бо хулосаи экспертизаи иёргири ба сангҳои қиматбаҳо баробар карда шудаанд, баромад карда метавонанд. Дар чунин ҳолатҳо металҳо ва сангҳои қиматбаҳо ҳамчун предмети ҷинояти баррасишаванда эътироф намешавад: сангҳои қиматбаҳо, ки барои истеҳсоли маснуоти заргарӣ номувофиқанд; сангҳои қиматбаҳои буридашудаи сертификатсияшуда; ганҷҳои синтетикӣ ва сунъӣ; заргарӣ; маҳсулоти рӯзгор; маснуоти ороишӣ ва маишӣ мебошанд.

Зербоби дуюми боби дуюм «**Аломатҳои субъективии гардиши ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ва марворид**» номгузорӣ гардида, қайд карда мешавад, ки муомилот вобаста ба металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, бо вайрон кардани коидахои муқаррар намудаи қонунгузорӣ ҷиноятӣ ҳангоми аз ҷониби айбдоршаванда тамоми кирдорҳои зарурӣ, ки таркиби муомилоти муайянеро ташкил диҳанд, ба анҷом расонида шуда бошанд, бояд кирдори анҷомдодашуда ҳисобида шавад. Ҳамин гуна нуктаи назар дар адабиёти ҳуқуқии ҷиноятӣ низ инъикос ёфтааст.

Дар таҳрири моддаи 284 КҶ айни замон амалкунандаи нишонахои тарафи субъективӣ, аз ҷумла, ангеза ва мақсадро хамчун нишонаҳои ҳатмӣ дар таркиби зикршуда пешбинӣ намекунад, бинобар ин, онҳо бояд танҳо нишонаҳои факултативӣ ҳисобида шаванд, ки имконоти нисбатан дақиқтар баҳо додани субъекти ҷиноятро фароҳам меоваранд, бо вуҷуди ин ҷудо накардани ангеза ва мақсад, ба бандубасти ҷиноят таъсир намерасонад.

Масъалаи дигаре, ки мавриди тахқиқ қарор гирифтааст, ба ғайр аз нишонаҳои субъекти умумӣ, вобаста ба фаъолияти касбиашон дорои нишонаҳои иловагӣ мебошанд. Дар ин ҷо сухан ҳам дар бораи «кормандон ё намояндагони ташкилотҳои тиҷоратӣ» ва ҳам «ходимони муассисаҳои давлатӣ» меравад, яъне, шахсоне, ки «бо истифода аз мақоми хизматӣ» қобилияти содир кардани кирдорҳои ҷиноятӣ дар моддаи 284 КҶ пешбинишударо доранд. Муаллиф содир намудани ин ҷиноятро аз ҷониби ин категорияи шахсон нисбат ба содир намудани он аз тарафи шахсони оддӣ аз ҷиҳати иҷтимоӣ хеле хавфноктар буданашро кайд намудааст.

Зербоби сеюми боби дуюм **«Бандубасти муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фарқ кардани он аз дигар таркибҳои ҷиноятӣ»**, масоили мубрам вобаста ба бандубаст кардани муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ ва фарқ кардани он аз дигар ҷиноятҳои ҳамҷавор дар бар дорад.

Муаллиф иброз медорад, ки бо мақсади ҳалли масъалаҳои ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани самаранокии ҳифзи ҳуқуқӣ, махсусан ба Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангхои қиматбаҳои табиӣ» бояд тағйироте ворид карда шаванд, ки фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ ва воқеиро ба тасарруфи сангҳои қиматбаҳои табиии носуфта (коркарднашуда) ва сертификатсия нашуда маҳдуд намоянд ва низоми содир кардани муомилот бо чунин сарватхо сахттар карда шавад. Раванди мазкур барои

нисбатан дуруст бандубаст кардани кирдорҳои ҷиноятӣ бо м. 284 КҶ мусоидат хоҳад кард.

Ба масоили мубрам вобаста ба бандубасти ҷиноят ҳангоми тайёрӣ, суиқасд ӯ комилан дуруст меафзояд, ки бинобар ба категорияи ҷиноятҳои вазнин марбут набудани қ. 1 м. 284 КҶ барои тайёрӣ ва суиқасд барои содир кардани он тибқи талаботи қонунгузории амалкунанда ҷавобгарии ҷиноятӣ мавҷуд нест.

Тафовутҳои дақиқу муайяни бандубасти кирдори ҷиноятии дар моддаи 284 КҶ пешбинишуда, айни замон танҳо бо чунин як нишонаи бандубасти он, монанди содир кардани кирдори зикршуда дар ҳаҷми калон алоқаманд мебошад (қ. 2 м. 284 КҶ ҶТ).

Инчунин, бо мақсади пурра намудани холигии назаррасе, ки бо мавҷуд набудани меъёри ҳадди ақали муқарраршудаи қонунии арзиши металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо ҳамчун объекти ҷиноят мутобиқи м. 284 КҶ, ки имкони ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсро диҳад, ба андешаи муаллиф, бояд то даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар бошад, ки дар асл ин кирдори ҷиноятӣ мебошад ва ҳамчун меъёри фарққунандаи ин ҷиноят аз ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ хизмат хоҳад кард.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия ба дастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд. Таҳқиқоти диссертатсионии Одиназода Н.С. дар муҳити илми ҳуқуқшиносии ватанӣ аз зумраи нахустин таҳқиқоти диссертатсионӣ ба забони давлатӣ мебошад, ки вобаста ба рушди қонунгузории миллӣ, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии аломатҳои объективию субъективӣ, омӯзиши маълумоти оморӣ ва таҷрибаи судӣ вобаста ба мавзуи номбурда мебошад.

Дар баробари ин, аз ҷониби муҳаққиқ ҳамчунин коркардҳои дигари вобаста ба ҳалли мушкилот ҳангоми татбиқи меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ба миён гузошта шудаанд, ки аз нигоҳи мо қобили таваҷҷуҳ ва баррасӣ мебошанд.

Асосноки ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд. Ин пеш аз ҳама далолати саҳеҳият ва саҳми шахсии муаллиф мебошанд. Мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии гардиши металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар сатҳи тадқиқоти диссертатсионӣ баррасӣ гардида, натиҷаи он барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мусоидат менамояд. Инчунин,

ҷанбаҳои гуногуни мавзуи мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, барои рушди дигар соҳаҳои илми ҳуқуқшиносӣ аҳаммияти муҳим доранд.

Таҳлили ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, ҷонибдорӣ намудан ва нанамудани ақидаҳои дар илм ҷойдошта, муайян намудани мавқеи мустақил дар таҳлили масъалаҳо, истифодаи васеи маводи илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ, асосноккунии нуктаҳои илмӣ, пешниҳодҳо, хулосаҳо ва дигар масъалаҳое, ки аз ҷониби муаллиф пешкаш гардидаанд, аз асоснокӣ ва эътимоднок будани хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда дарак медиҳанд.

Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо. Таҳқиқоти диссертатсионии Одиназода Н.С. ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ таҳқиқ гардидаанд. Аҳаммияти амалии таҳқиқоти гузаронидашуда ягон шубҳаро ба вуҷуд намеоварад, чунки дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунанда масъалаҳои зиёди ҳалнашуда доир ба ҳалли асосҳои ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ ҷой доранд.

Натиҷаҳо ва хулосаҳои илмии дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ нишон медиҳанд, ки онҳо воқеан камбудиҳои дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мавҷудбударо пур менамоянд.

Дар баробари ин, дар диссертатсияи Одиназода Н.С. дар баробари муваффақиятҳо баъзе масъалаҳои баҳснок ба назар мерасанд, ки онҳоро қайд намудан лозим аст ва ба Одиназода Н.С. дар шакли тавсияҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи ӯ пешниҳод менамоем:

1. Яке аз масаъалаҳои муҳиме, ки муҳаққиқ мавриди омӯзиш қарор додааст, ин таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ мутобиқи давлатҳои пасошӯравӣ мебошад. Ба андешаи мо, муҳаққиқро мебоист, ки дар баробари таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятиии давлатҳои пасошӯравӣ оид ба муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ ба қонунгузории давлатҳои дигар, махсусан қонунгузориҳое, ки ба низоми ҳуқуқии англосаксонӣ, мусулмонӣ ва дигар низомҳои ҳуқуқӣ алоқаманд аст, мавриди таҳлил қарор медод;

2. Масъалаи дар боби ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ ҷойгирнамудани ҷиноятҳое, ки марбут ба муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ мебошанд, дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ баҳснок мебошад. Мутаасифона, муҳаққиқ ба ин ҷониби

масъала таваҷҷуҳи худро равон насохтааст. Аз ин рӯ, рисоланависро зарур аст, ки ҳангоми ҳимояи рисола ваҷҳои худро оид ба масъалаи объекти ҷиноятҳои таҳлилшаванда асоснок созад;

3. Дар диссертатсия маълумоти оморӣ доир ба ҷинояти бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ дар солҳои 2008-2021 мавриди таҳлил қарор додааст. Ба назари мо, муаллифро мебоист нишондоди омориро дар ин самт дар давоми 9 моҳи соли 2022 низ баррасӣ қарор медод, ки аз он сифати рисолаи диссертатсионӣ оид ба вазъи ҷиноят дар самти бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ мукаммалтар мегардид;

4. Яке мушкилоте, ки дар рисолаҳои илмӣ вомехуранд, ин дурӣ аз амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ба шумор меравад. Таҳқиқоти анҷомдодаи Одиназода Н. низ аз ин "беморӣ" орӣ нест. Аз ин рӯ, муҳаققиқро мебояд ҳангоми таҳияи монография аз натиҷаи ин таҳқиқот боз ҳам шумораи бештари мисолҳои амалиро ҷиҳати асоснок намудани нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодгардидааш истифода намояд.

Мулоҳизаҳое, ки қайд гардиданд, дар умум, хусусияти мубоҳисавӣ дошта, аҳаммияти илмии таҳқиқоти диссертатсиониро коста намегардонанд ва баҳои мусбати диссертатсияро тағйир намедиҳанд. Хулосаҳои пешниҳоднамудаи Одиназода Н.С. мантиқан дуруст ва илман асоснок мебошанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмии тақризшаванда аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд ва метавонанд дар фаъолияти илмӣ ва таълимӣ истифода гарданд. Дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки пешниҳод, хулоса ва нуктаҳои илмие, ки дар диссертатсия иброз гардидаанд, ҷиҳати бартараф намудани холигии илми ҳуқуқшиносии ватанӣ мусоидат менамоянд.

Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ. Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 9 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Инчунин, доир ба мавзуи диссертатсия ва мухтавои асосии он аз ҷониби унвонҷӯ 1 дастури амалӣ-методӣ ба нашр расидааст. Инчунин, муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мақолаҳои илмӣ, дар шакли маърӯза дар конференсияҳои гуногуни илмӣ-амалии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ инъикос ёфтаанд.

Бояд тазаккур дод, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Мутобиқати ба расмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Диссертатсияи Одиназода Носир Садир ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Қисмати хотимавии тақриз. Аз омӯзиши матни пурраи диссертатсия ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Одиназода Н.С. пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҷавобгӯ мебошад, зеро натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва соҳаҳои дигар мусоидат карда, барои ҳалли мусбии як зумра масъалаҳо ва мушкилоти вобаста ба мавзуи таҳқиқот нақши муҳимро мебозад. Ҳамзамон, хулоса, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои рушди қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ ва такмили соҳа аҳаммияти муҳим дошта, ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ метавонанд истифода шаванд.

Диссертант мақсади омӯзиши комплексиро комилан мақсаднок гузошта, дар асоси он, муайян намудани камбудиҳо вобаста масъалаи бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ, инчунин коркард ва пешниҳоди тавсияҳо ҷиҳати мукаммалгардонии қонунгузори ҷиноятӣ дар ин соҳа, назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятиро баррасӣ намуда, инчунин муаллиф объект ва мавзуи тадқиқоти диссертатсиониро муайян намудааст.

Натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби сохторҳои ваколатдор тасдиқ карда шуда, дар амалия ворид карда шудаанд. Ғайр аз ин, маводҳои 120 парвандаи ҷиноятии шахсоне, ки аз рӯйи м.284 КҶ ҶТ маҳкум шудаанд, мавриди таҳлил қарор дода шудаанд.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Одиназода Носир Садир ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Тақризи мазкур бодарназардошти талаботҳои бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

Муқарризи расмӣ:
Сардори Раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти
Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор Сафарзода А.И.

Имзои Сафарзода А.И.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.М.

29.11.2022